**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№23**

**аз 26 июни соли 2009** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи татбиқи меъёрҳои Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳо дар суди марҳилаи якум**
***(бо тағйиру иловаҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 23 ноябри соли 2012 №18 ва 14 июни соли 2018, №34 ворид гардидаанд)***

Бо мақсади татбиқи дуруст ва якхелаи меъёрҳои Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳо дар суди марҳилаи якум, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

1. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мурофиаи судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ ва оилавӣ бо забони давлатӣ ё забони аксарияти аҳолии маҳал сурат мегирад. Бинобар ин гузаронидани мурофиаи судӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳо ва қабули санадҳои судӣ бо хоҳиши тарафҳо бо дигар забон роҳ дода намешавад.

2. Бо назардошти он, ки дар моддаи 3-и Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМГ) вазифаҳои мурофиаи судии гражданӣ муайян карда шудааст, суди марҳилаи якумро зарур аст, ки дар мӯҳлати муқарраркардаи қонун дуруст ва саривақт баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳои гражданӣ ва оилавиро таъмин намояд.

Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба категорияҳои парвандаҳои гражданӣ ва оилавӣ мӯҳлати баррасӣ ва ҳал кардани онҳоро муқаррар намудааст. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки парвандаҳои гражданӣ ва оилавӣ дар мӯҳлати то 3 моҳ аз рӯзи қабули ариза аз ҷониби судя баррасӣ ва ҳал карда мешаванд.

Парвандаҳо дар хусуси барқарор намудан ба кор ва ситонидани алимент бошанд, бояд дар мӯҳлати на дертар аз як моҳ аз рӯзи қабули ариза ба суд баррасӣ ва ҳал карда шаванд. Инчунин мувофиқи муқаррароти қисми 3-и моддаи 157 КМГ, қонун метавонад мӯҳлати кутоҳи баррасӣ ва ҳалли категорияи алоҳидаи парвандаҳои гражданӣ ва оилавиро муқаррар намояд (масалан, ариза дар бораи ҳифзи ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон тибқи талаботи қисми 4-и моддаи 260 КМГ баъди расиданаш дар мӯҳлати 3 рӯз ва агар то рӯзи интихобот камтар аз шаш рӯз монда бошад, бояд фавран баррасӣ карда шавад).

Оғози ҷараёни мӯҳлати баррасии парвандаҳоро қонун муайян намудааст (моддаи 157 ва дигар моддаҳои дахлдори КМГ). Ба охиррасии мӯҳлати баррасӣ ва ҳалли парванда, рӯзи қабули ҳалнома ё таъинот дар бораи қатъ намудани баррасии парванда ё бе баррасӣ монондани ариза мебошад. Азбаски барои омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ қонунгузор мӯҳлати мушаххас майян накардааст, судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ дар доираи мӯҳлати баррасӣ ва ҳалли парванда гузаронида мешавад.

Дар ҳолатҳои дар як истеҳсолот баррасӣ кардани талаботҳое, ки қонунгузор барои баъзеи онҳо мӯҳлати кутоҳи баррасӣ ва барои дигараш мӯҳлати умумӣ муқаррар карда бошад (масалан, муқаррар кардани падарӣ ва рӯёнидани алимент якҷоя карда шуда бошад), чунин парванда новобаста аз он, ки барои баррасӣ ва ҳалли яке аз талаботҳо мӯҳлати кутоҳ муқаррар карда

шудааст, бояд дар мӯҳлати то се моҳ аз рӯзи қабули ариза аз ҷониби судя баррасӣ ва ҳал карда шаванд.

3. Дар давраи оғози муҳокимаи судӣ бояд муайян карда шавад, ки оё шахсони ҳозирнашуда дар бораи вақт ва маҳалли маҷлиси судӣ бо тартиби муқарраркардаи қонун дар мӯҳлати кофӣ барои саривақт ҳозир шудан ба суд ва омода шудан ба парванда хабардор шудаанд ё не? Мӯҳлати хабардор намудан ё даъват кардан дар ҳама ҳолат бояд бо назардошти маҳалли истиқомати шахсони иштирокчии парванда, огоҳ будани онҳо оид ба ҳолатҳои кор, имконияти ба маҷлиси судӣ тайёр шудан, инчунин бо назардошти мураккабии парванда муайян карда шаванд.

4. Ҳангоми ба суд ҳозир нашудани шахсоне, ки бо тартиби муқарраркардашуда аз вақт ва маҳалли маҷлиси судӣ хабардор карда шудаанд, масъалаи имконпазирии баррасии судии парванда бо назардошти талаботи моддаҳои 170 ва 238-и КМГ ҳал карда мешавад. Ҳозир нашудани прокурор ба маҷлиси судӣ, ки аз вақту маҳалли баррасии парванда огоҳ карда шудааст, ба муҳокимаи парванда монеа шуда наметавонад, ғайр аз ҳолатҳое, ки тибқи қонун иштироки прокурор дар баррасии парванда ҳатмӣ мебошад. Аз ҷониби шахсони иштирокчии парванда иҷро накардани ӯҳдадориҳо оиди иттилоъ додан дар бораи сабабҳои ба суд ҳозир нашуданашон ва пешниҳод накардани далелҳои узрнокии ин сабабҳо, суд метавонад масъалаи дар ғоибии онҳо баррасӣ намудани парвандаро муҳокима намояд.

Аз рӯи қоидаҳои умумӣ, суд ҳуқуқ надорад, ки дар маҷлиси судӣ иштирок кардани тарафҳоро ҳатмӣ эътироф намояд, агар онҳо ба суд оиди дар ғоибиашон баррасӣ намудани парванда ва фиристодани нусхаи ҳалнома хоҳиш карда бошанд. Аммо ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи омма бармеоянд, ин қоида истисно шуда, суд метавонад ба маҷлиси судӣ ҳозир шудани намояндаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ, шахси мансабдор ё хизматчии давлатиро, ки қарор ё амали онҳо мавриди баҳс қарор дода шудааст, ҳатмӣ эътироф намояд. Инчунин дар ҳолатҳое, ки қонун иштироки аризадиҳанда ва дигар шахсонро ҳатмӣ эътироф намудааст, парванда бе иштироки онҳо баррасӣ ва ҳал карда намешавад.

5. Суд шахсияти иштирокчиёни ҳозиршудаи мурофиаро муайян карда истода, бояд ном, номи падар, насаб, рӯзи таваллуд, ҷои кор ва истиқомати онҳоро дар асоси таҳқиқи шиноснома, шаҳодатномаи хизматӣ ё дигар ҳуҷҷате, ки шахсиятро тасдиқ мекунад, муайян намояд.

Ғайр аз он, бояд доираи ваколати шахси мансабдор ё намояндаи вай (моддаҳои 50,56-и КМГ), намояндагони шахсони иштирокчии парванда, инчунин мавҷудияти ҳолатҳое, ки имконияти дар суд намоянда будани ӯро ғайриимкон мегардонад (моддаи 53-и КМГ) муайян карда шавад.

Инчунин маълумот дар бораи мансаби ишғолкардаи эксперт, маълумот ва собиқаи кории ӯ аз рӯи ихтисос, ҳамчунин муносибати хешу таборӣ ва дигар муносибатҳои бо тарафҳо доштаи шоҳид бояд муайян карда шавад.

6. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки агар прокурор, намояндаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ, ташкилот ва шаҳрванде, ки ба суд ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони дигар бо ариза муроҷиат намудаанд, дар музокираҳои судӣ аввалин шуда баромад мекунанд, агар мақомоти дар боло зикргардида дар мурофиа ҷиҳати додани хулоса иштирок намоянд, он гоҳ онҳо дар музокираҳои судӣ баъди тарафҳо ва шахсони сеюм баромад мекунанд.

Диққати судҳо ба он равона карда шавад, ки тибқи моддаи 168-и КМГ раисикунандаи маҷлиси судӣ ба иштирокчиёни парванда ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мурофиавиашонро, ки ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст (моддаҳои 37,42-43,50,60,102,104,236,387 КМГ), инчунин ӯҳдадории тарафҳоро оиди аз ҳуқуқҳои мурофиавиашон бовиҷдонона истифода бурданро тавзеҳ медиҳад.

7. Ҳангоми иҷрои супориши судӣ ҳозир нашудани шахсони иштирокчии парванда ба маҷлиси судӣ, тибқи муқаррароти қисми 1-и моддаи 66 КМГ барои иҷрои супориши судӣ монеа шуда наметавонад, аммо ин ҳолат судро аз ӯҳдадорӣ оиди хабардоркунии шахсони нишондодашуда аз вақт ва маҳалли гузаронидани маҷлиси судӣ озод намекунад. Ин ҳолатро ба назар гирифта суде, ки супориши судӣ медиҳад, дар асоси қисми 2-и моддаи 65 Кодекси мазкур ба суде, ки супоришро иҷро менамояд маҳалли истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавии шахсони

иштирокчии парвандаро бояд нишон диҳад.

8. Судҳо бояд ба инобат гиранд, ки мутобиқи муқаррароти моддаи 66-и КМГ, иҷрои супориши судӣ дар маҷлиси судӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс анҷом дода мешавад.

Барои иҷроиш ба кормандони дастгоҳи суд супурдани супориш, инчунин ба ҷои дар маҷлиси судӣ бо тартиб додани протокол муайян кардани саволҳои гузошташуда, гирифтани баёноти хаттӣ, роҳ дода намешавад. Дар баробари ин, бояд дар назар дошт, ки шахсони иштирокчии парванда тибқи муқаррароти қисми 1-и моддаи 37 КМГ, ҳуқуқ доранд ба суд баёноти шифоҳӣ ё хаттӣ диҳанд ва бо дархости онҳо баёноти хаттии дахлдор мумкин аст ба протокол ҳамроҳ карда шавад. Шоҳидон дар хусуси ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ намудан аз додани нишондод ё дидаю дониста додани нишондоди бардуруғ огоҳ карда мешаванд. Азназаргузаронӣ ва таҳлили далелҳои хаттӣ ва шайъӣ дар ҷояш низ бояд аз тарафи суд гузаронида шавад. Аз номи тарафҳо ва шахсони сеюм мумкин аст намояндагони онҳо баёнот диҳанд (моддаи 50-и КМГ).

9. Судҳо бояд мӯҳлати якмоҳаи иҷрои супориши судиро, ки дар қисми 2-и моддаи 65 КМГ муқаррар карда шудааст, риоя намоянд. Бояд дар назар дошт, ки ҷараёни мӯҳлати якмоҳа аз рӯзи дигари ба суд ворид гардидани таъинот оғоз мегардад (қисми 3-и моддаи 109 КМГ). Протоколи маҷлиси судие, ки ҳангом иҷрои супориши судӣ тартиб дода мешавад, бояд ҳамаи маълумотҳои дар супориши судӣ нишондодашударо дар бар гирад ва дар он ба саволҳои гузошташуда ҷавобҳои саҳеҳ ва дигар ҳолатҳое, ки ҳангоми иҷрои супориш муқаррар гардидаанд ва онҳо барои ҳалли дурусти кор аҳамият доранд, дарҷ карда шаванд.

10. Ҳангоми аз ҷониби даъвогар тағйир додани асос ё мавзӯи даъво, зиёд ё кам кардани андозаи талаботи даъво, бояд ба суд аризаи хаттӣ пешниҳод карда шавад. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳангоми тағйирёбии асос ё мавзӯи даъво, зиёд ё кам шудани андозаи талаботи даъво барои иҷрои амали дахлдори мурофиавӣ ба тарафҳо мӯҳлат дода, баррасии парванда мавқуф гузошта мешавад.

Дар сурате, ки даъвогар аз даъво даст мекашад ё ҷавобгар даъворо эътироф менамояд бояд ҳар кадоми онҳо дар бораи ин амалашон ба суд аризаи хаттӣ пешниҳод намоянд. Дар ин бора дар протоколи маҷлиси судӣ қайд карда мешавад.

Суд ба даъвогар оқибати аз даъво даст кашидан ва ба ҷавобгар оқибати эътирофи даъворо фаҳмонида, аз онҳо дастхат мегирад, ки он ба маводи парванда замима карда мешавад.

Суд ҳангоми аз даъво даст кашидани даъвогар ва аз ҷониби суд қабул кардани он, тасдиқ намудани созиши оштии тарафҳо таъинот ва дар ҳолати аз ҷониби даъвогар эътироф гардидани даъво ва қабули он дар хусуси қонеъгардонии талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар ҳалнома қабул мекунад.

Суд ба тарафҳо оқибати бастани созиши оштиро тавзеҳ дода, аз онҳо забонхат мегирад, ки он ба маводи парванда замима карда мешавад» (қисми 4 моддаи 177-и КМГ).

Созиши оштии тарафҳо аз ҷониби тарафҳо дар шакли хаттӣ тартиб дода шуда, ба суд пешниҳод карда мешавад, ки ба он даъвогар ва ҷавобгар имзо мегузоранд. Дар созиши оштии тарафҳо шартҳои созиш ва оқибатҳои ногувори иҷро нагардидани шартҳои созиш нишон дода мешавад. Дар протоколи маҷлиси судӣ оид ба бастани созиши оштии тарафҳо қайд карда мешавад.

Агар тарафҳо оиди бастани созиш хоҳиши худро баён карда бошанд, пас дар ҳолати зарурӣ мумкин аст ба онҳо барои таҳияи шартҳои созиши оштӣ имконият дода шавад. Дар чунин маврид, ба маҷлиси судӣ танаффус эълон карда мешавад, ё вобаста ба ҳолатҳои кор мурофиаи судӣ мавқуф гузошта мешавад.

Агар даст кашидани даъвогар аз даъво, даъворо эътироф намудани ҷавобгар ва созиши оштии тарафҳо хилофи қонун бошанд, ё ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсонро халалдор созад, суд аз даъво даст кашидани даъвогар, аз тарафи ҷавобгар эътироф намудани даъворо қабул намекунад ва созиши оштии тарафҳоро тасдиқ наменамояд.

11. Даъвои муқобили даъво то оғози муҳокимаи судӣ пешниҳод карда мешавад. Судҳо бояд ба назар гиранд, ки пешниҳоди аризаи даъвогии муқобили даъво тибқи қоидаҳои умумии пешниҳоди аризаи даъвогӣ сурат мегирад (моддаи 140-и КМГ). Дар мавриде, ки аризаи даъвогии

муқобили даъво то оғози муҳокимаи баррасӣ намудани парванда пешниҳод гардида бошад, суд масъалаи мавқуф гузоштани баррасии парванда ва ба шахсони иштирокчии парванда барои ба таври дахлдор додани мӯҳлати тайёриро бояд ҳал намояд.

Бояд дар назар дошт, ки аризаи даъвогии муқобили даъво танҳо дар ҳолате қабул карда мешавад, ки агар байни аризаи даъвогии муқобили даъво ва аризаи даъвогии ибтидоӣ вобастагии мутақобила мавҷуд бошаду баррасии якҷояи онҳо барои саривақт ва дуруст баррасӣ намудани баҳсҳо мусоидат намояд ва қонеъгардонии аризаи даъвогии муқобили даъво қонеъгардонии аризаи даъвогии ибтидоиро пурра ё қисман истисно намояд. Дигар шартҳо барои қабули аризаи даъвогии муқобили даъво асос шуда наметавонанд.

Ҳангоми рад намудани қабули аризаи даъвогии муқобили даъво бо асосҳои мавҷуд набудани шартҳои дар моддаи 141-и КМГ пешбинигардида, суд таъинот қабул менамояд, ки он мавриди шикоят ё эътирози хусусӣ қарор дода намешавад (қисми 2-и моддаи 360 КМГ), зеро таъиноти мазкур ҷиҳати амалӣ намудани ҳуқуқи мурочиат барои ҳифзи судӣ бо роҳи пешниҳод кардани даъвои мустақилона монеа шуда наметавонад.

Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки пешниҳод намудани аризаи даъвогии муқобили даъво оиди рад намудани даъво ё бо сабаби гузаронидани мӯҳлати даъво рад намудани даъво, аризаи даъвогии муқобили даъво эътироф нашуда, ҳамчун норозигӣ ба аризаи даъвогӣ ҳисоб карда мешавад.

12. Аз мазмуни моддаи 169-и ҳамин Кодекс бармеояд, ки дархости шахсони иштирокчии парванда оид ба масъалаҳои муҳокимаи парванда, бояд бо дарназардошти фикри дигар шахсони иштирокчии парванда бо қабули таъинот ҳал карда шавад.

13. Шахсони иштирокчии парванда, дигар шахсони иштирокчии мурофиа ва шаҳрвандони дар маҷлиси кушодаи судӣ ҳузурдошта ҳуқуқ доранд дар шакли хаттӣ рафти муҳокимаи судиро сабт кунанд. Истифодаи воситаҳои аксбардорӣ, сабти аудио, видео, пахши ҷараёни маҷлиси судӣ тариқи радио ва телевизион танҳо бо иҷозати суд роҳ дода мешавад. Чунин амалҳо бояд дар ҷойҳои нишондодаи суд, дар толори маҷлисгоҳи судӣ ба амал бароварда шавад. Бо таъиноти суд ин амалҳо метавонанд аз рӯи вақт маҳдуд карда шаванд. Истифодаи воситаҳои аксбардорӣ, сабти аудио, видео, пахши ҷараёни маҷлиси судӣ тариқи радио ва телевизион бо дарназардошти фикри шахсони иштирокчии парванда роҳ дода мешавад.

14. Бо дарназардошти принсипи баробарҳуқуқии мурофиавӣ тарафҳо ӯҳдадоранд он ҳолатҳоеро исбот кунанд, ки ҳамчун асоси талабот ва норозигии худ ҳангоми аз ҷониби тарафи дигар мавриди баҳс қарор гирифтани ин ҳолат ба он истинод менамояд, зарур аст, ки дар рафти маҷлиси судӣ ҳар як далеле, ки тарафҳо барои исботи талаботи худ ва норозигиашон, ки ба талаботи дахлдорӣ ва ҷоизии далелҳо ҷавобгӯй мебошанд, мавриди таҳлил қарор дода шавад.

15. Агар ҳангоми баҳодиҳии саҳеҳии далели мавриди таҳлил қарордошта шубҳа пайдо гардад, бояд бо роҳи муқоиса намудан бо дигар далелҳои муқарраркардаи суд, санҷидани дурустии мазмун ва барасмиятдарории ҳуҷҷат, дар ҳолатҳои зарурӣ таъин намудани экспертиза ва ғайраҳо, ҳал карда шавад.

16. Ҳангоми таҳқиқи хулосаи эксперт ва коршинос суд бояд мувофиқ омадан, асоснокӣ, пуррагии мазмун ва хулосаҳои онҳоро ба саволҳои дар назди эксперт ва коршинос гузошташуда, мавриди санҷиш қарор диҳад.

Бо мақсади шарҳ додан ё пурра намудани хулоса, суд метавонад эксперт ва коршиносро барои пурсиш даъват намояд.

Ҳангоми дар парванда мавҷуд будани якчанд хулосаҳои бо якдигар мухолиф мумкин аст, экспертҳо ва коршиносоне, ки хулоса додаанд ба суд даъват карда шаванд.

17. Экспертизаи такрорӣ ҳангоме гузаронида мешавад, ки агар хулосаи коршиноси судӣ асоснок набошад, натиҷагирӣ шубҳанок бошад, маводи ба коршиноси судӣ пешниҳодшуда боэътимод эътироф нашуда бошад, байни хулосаҳои якчанд коршиносони судӣ ихтилофоти назар вуҷуд дошта бошад, инчунин ҳангоме, ки қоидаҳои гузаронидани экспертиза вайрон карда шуда бошанд.

Бояд дар назар дошт, ки мавҷуд будани якчанд хулосаҳои экспертизаи бо ҳам мухолиф на ҳама вақт гузаронидани экспертизаи такрориро талаб мекунад. Дар ин ҳолат суд метавонад бо

роҳи пурсиши эксперт ва ё коршинос шарҳи зарурӣ ва хулосаҳои асосноккунии иловагиро ба даст орад.

18. Дар мавриди пешбининамудаи қисми 1-и моддаи 193 КМГ, суд ҳуқуқ дорад барои гирифтани маслиҳат, тавзеҳ ва хизматрасонии бевоситаи техникӣ (аксбардорӣ, таҳияи нақша ва ҷадвалҳо, интихоби намуна барои экспертиза, нархгузории молу мулк ва ғайра) мутахассисонро ҷалб намояд.

Вазифаи мутахассис дар маҷлиси судӣ аз ҷавоб додан ба саволҳои суд, маслиҳат ё тавзеҳоти хаттӣ ё шифоҳӣ додан, инчунин ҳангоми зарурат ба суд кӯмаки техникӣ расонидан иборат мебошад. Агар аз маслиҳати муттахассис маълум гардад, ки ҳолатҳое мавҷуданд, ки таҳлил ё баҳодиҳии иловагиро талаб менамоянд, суд метавонад ба тарафҳо оиди далелҳои иловагӣ ва ё дар бораи таъини экспертиза дархост пешниҳод намуданро тавзеҳ диҳад.

19. Азбаски протоколи маҷлиси судӣ яке аз ҳуҷҷатҳои асосии мурофиавӣ мебошад, бояд он пурра, фаҳмову равшан ва бо пайдарпайие, ки мурофиаи судӣ гузаронида мешавад, таҳия дода шуда, талаботҳои дар моддаи 234-и Кодекси мазкур пешбинишуда риоя карда шаванд.

20. Дар мавриде, ки мутобиқи ҳамин Кодекс баррасии парванда боздошта шуда бошад, суд бояд аз байн рафтани ҳолатҳои боздориро давра ба давра санҷад. Инчунин суд ба шахсони иштирокчии парванда, ӯҳдадории онҳоро дар бораи расонидани маълумот оид ба бартараф шудани ҳолатҳое, ки барои боздоштани муҳокимаи парванда асос шуда буданд, фаҳмонад.

Давраи боздоштани баррасии парванда то аз нав оғоз намудани он, ба мӯҳлати баррасии парванда дохил намешавад.

21. Ҳангоми ба охир расонидани кор бе моҳиятан қабул кардани ҳалнома, яъне ҳангоми қатъ кардани баррасии парванда, ё бе баррасӣ монондани ариза, судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ин шаклҳои ба охир расондани парванда бо таври ҷиддӣ аз якдигар фарқ мекунанд.

Ҳангоми қатъ намудани баррасии парванда, даъвогар аз ҳуқуқи муроҷиати такрорӣ ба суд оид ба баҳси байни ҳамин тарафҳо, вобаста ба ҳамин мавзӯъ тибқи ҳамин асосҳо (моддаи 226-и КМГ) маҳрум мегардад, ҳангоми бе баррасӣ монондан бошад, даъвогар ҳуқуқ дорад баъди бартараф намудани ҳолатҳое, ки барои бе баррасӣ монондани ариза (моддаҳои 227, 228-и КМГ) асос гардида буданд, бо тартиби умумӣ даъворо пешниҳод намояд.

Аз болои таъиноте, ки мувофиқи муқаррароти сархати 5-и моддаи 227-и ҳамин Кодекс бароварда шудааст, шикояти хусусӣ оварда намешавад, зеро қисми 3-и моддаи 228 Кодекси мазкур масъалаи бекор намудани таъиноти мазкурро ба танзим даровардааст.

22. Нисбат ба таъиноти суди марҳилаи якум дар мӯҳлати даҳ рӯз аз рӯзи ба шахсони иштирокчии парванда супоридани нусхаи таъинот дар ҳолате шикояти хусусӣ ва эътироз овардан мумкин аст, ки агар мувофиқи қонун он мавриди шикоят ё эътироз қарор дода шавад.

23. Батаъхиргузорӣ, ба давраҳо ҷудо намудани мӯҳлати иҷрои ҳалнома, тағйир додани тарз ва тартиби иҷрои ҳалнома бо тартиби муқарраркардаи моддаи 207-и КМГ баррасӣ карда мешавад.

Агар дар бораи аз нав пешниҳод кардани масъалаи батаъхиргузорӣ, ба давраҳо ҷудо намудани мӯҳлати иҷрои ҳалнома, тағйир додани тарз ва тартиби иҷрои ҳалнома ариза пешниҳод гардад, он бояд бо тартибе баррасӣ карда шавад, ки аризаи аввал баррасӣ карда шуда буд.

24. Бинобар қабул шудани Қарори мазкур Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 1995 №2 «Дар бораи татбиқи қонунгузории мурофиавӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои гражданӣ дар судҳои марҳилаи якум» (бо тағйироту иловаҳо бо қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 августи соли 1999 №3) беэътибор дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н. Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. Саидов**